Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
Назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба фаъолияти суғуртавӣ, ки барои бахши молиявии иқтисодиёти миллӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад, зарурати дида баромадани ҷанбаҳои гуногуни он, аз қабили асосҳои назариявӣ, методологӣ ва консептуалӣ ба миён омадааст. Қобили зикр аст, ки танзими давлатии фаъолияти иқтисодии марбут ба суғурта аз мавҷудияти ҳолати рушду устувор, мутавозин ва бомайлони соҳаҳои гуногуни бахши молиявии иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Қабл аз ҳама, дар назар доштан муҳим аст, ки фаъолияти суғурта дар шароити муосир маҳаки асосӣ ва таъминкунандаи тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин маврид муаллифи таҳқиқоти илмӣ дар банди мубрамии мавзуи таҳқиқот қайд менамояд, ки агар иқтисодиёт устувор бошад, суғурта рушд мекунад ва агар буҳрон бошад, бозори суғурта низ дучори мушкилот гардида, он ҳамчун низоми институтҳо, яъне ташкилотҳо ва қоидаҳое баррасӣ мешавад, ки муносибатҳои суғуртавиро танзим мекунанд.

Яке аз бартариатҳои таҳқиқоти илмии Муминзода Абдукарим дар навгонии илмии он мушоҳида карда мешавад, ки он дарбаргирандаи масъалаҳои назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти фаъолияти суғуртавӣ иборат мебошад. Методологияи пешниҳоднамудаи муаллиф иборат аз танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ба низоми ниҳодӣ (маҷмуи меъёру қоидаҳо ва механизмҳои амалигардонии ҳадафу вазифаҳои дахолатпазирии давлат дар соҳа) такя мекунад. Интихоб, асосноксозӣ ва илман таҳқиқ намудани ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти суғуртавӣ имкон

медиҳад, ки муаммоҳои зиёд, чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ҳалли амалии худро пайдо карда тавонанд.

Дурустии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ бо маълумотҳои оморӣ ва таҳлилии амалиявӣ (экспериментали) асос меёбанд ва дар оянда имкон пайдо менамоянд, ки мутахассисони соҳаҳои мухталиф ҳангоми навиштани таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода намоянд. Дар баробари ин, тавсияҳои амалии муаллиф имкон пайдо менамоянд, ки вазъи молиявии фаъолияти иқтисодӣ, махсусан соҳавӣ ошкор гардида, вобаста ба хусусиятҳои гуногуни таъсиррасон вазъ, сатҳ ва сифати зиндагониро дигаргун намоянд.

Аз матни асосии автореферат метавон хулоса намуд, ки муаллиф кӯшиши зиёд баҳри дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои назариявии фаъолияти суғуртавӣ, бо назардошти методологияи ҷойдошта ва муаллифӣ дар амалия татбиқ намояд.

Баҳри боз ҳам беҳтар намудани сифати таҳқиқоти илмии муаллиф якчанд тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф масъалаи танзими давлатии фаъолияти суғуртавиро, ки дар бештари ҳолатҳо аз вазъи иқтисодии аҳолӣ вобаста аст ва он ҳамчун бахши асосии молиявӣ арзёбӣ карда мешавад, бо тамоилҳои муосири иқтисодӣ, аз ҷумла мукаммалгардонии суғуртаи маҳсулоти инноватсионӣ пайваст менамуд. Чунки таҷрибаи давлатҳои рӯ ба тарақӣ ва пешрафта нишон медиҳад, ки дар мадди аввал маҳсулотҳои инноватсионӣ ба раванди суғуртакунонӣ дучор мегарданд. Бо ибораи дигар соҳибкорони навовар эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфу хатарро ҳангоми тавлиди ғояи илмӣ мушоҳода менамоянд;

2. Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ қайд менамояд, ки дар низоми танзими давлатӣ муҳити институтсионалӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро он дар бозори суғурта нақши низоми танзимгарро мебозад ва дар шаклҳои мухталифи институтсионалӣ, ташкилоту муассисаҳои гуногун, санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайра зуҳур мекунад (саҳ. 25). Фикри худро ҷамъбаст намуда, таснифоти вазифаҳои иттилооти идоракуниро дар шакли расм нишон

медиҳад (расми 2, саҳ. 26). Хуб мешуд, агар муаллиф унсури асосии иттилооти идоравиро ба монанди ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои идоракунӣ доир ба фаъолияти суғуртавӣ нишон медод. Ин ҳолат ба беҳтаршавии фаъолияти молиявӣ дар самти иҷозатномадиҳӣ барои амалисозии фаъолияти суғуртавӣ оварда мерасонид.

Тавсияҳои додашуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд сифати таҳқиқот ва арзиши илмии муаллифро паст намоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 қабул шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзанда мебошад.

**Тақризнавис:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири шуъбаи Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон**
**дар назди Раёсати АМИТ** **М.И. Садриддинов**

Имзои д.и.и., М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 71 00.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии тақризнавис – sadrman_s@mail.ru.